«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
_______________Ибодуллозода А.И.
«____»_____________соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991 – 2016))» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 21, аз санаи 16.07.2026 с. дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 093-и назди Институти таърих, бостоншиносва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун муассисаи пешбар ба диссертатсияи унвонҷӯ Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода таъин гардид.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ (давраи муосир) барои солҳои 2016-2020» ба иҷро расида, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мутобиқат намуда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, протоколи № 1 аз 28 августи соли 2026 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: номзадони илмҳои таърих, дотсентон Ғ. Гадоев, М. Шарипов, С. П. Сайнаков, М.

Ганҷакова, С. Ғуломшоев, Д. Раҳматшоев, муаллимони калон, ассистентон ва магистрон, унвонҷӯёну докторантон (PhD)-и кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Ғозӣ Гадоев омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи интихобшуда дар он аст, ки таҳқиқи илмии раванди дигаргунсозиҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар давраи истиқлоли давлатӣ, ташаккули муносибатҳои комилан нави истеҳсолӣ, суръати тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва мавзеҳои ҷудогонаи он алъон ба масоили муҳимми илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ табдил ёфтааст. Бе таҳлили таърихнигории адабиёти илмӣ, муайян намудани дараҷаи инъикоси раванди рушд ва комёбиҳои ҷумҳурии тозаистиқолол, татбиқи сиёсати давлатӣ ва ҳадафҳои стратегию барномаҳои дурнамои давлатӣ имкон надорад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991 – 2016))» ба яке

аз масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар қисмати гузоришҳои илмӣ диссертант тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Пешниҳодҳои овардашуда аҳаммияти илмӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда** дар он аст, ки мавзуи раванди рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дараҷаи инъикоси он дар адабиёти илмии таърихӣ таҳлил гардидааст. Натиҷаҳо ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ - таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмак расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои бунёдӣ роҷеъ ба таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус дар макотиби олӣ васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия, инчунин, аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ -таҳқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили таърихнигории маводи мавҷуда таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводи нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба мавзуи мазкур таълиф гардидаанд, дар таҳқиқи илмии таҳлили адабиёт оид ба таърихи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои таризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои илмии таҳқиқот дар мақолаҳои нашркардаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, номгӯи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар **муқаддима** аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – ***«Инъикоси раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар таърихнигории ватанӣ»*** унвон гирифта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум – ***«Таҳқиқи раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар асарҳои таърихӣ»*** диссертант менависад, ки дар асарҳои таърихӣ бештар ба авзои иқтисодию иҷтимоӣ, омилҳои монеасози рушди иқтисоди кишвар, сиёсати давлатӣ дар самти иқтисод ва раванди татбиқи он, дастовардҳои аввалини иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Аз муаррихон дар омӯзиши таърихи ҳаёти иқтисодию иҷтимоии даҳсолаҳои аввали соҳибистиқлолӣ қадами нахустро Н.Б. Ҳотамов гузошта, дар ин самт монографияи арзишманде таълиф намудааст.

Таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки таҳқиқи раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар замони истиқлоли давлатӣ яке аз мавзуҳои ҷолиб ва диққатҷалбкунандаи раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ маҳсуб меёбад. Ба таҳлилу таҳқиқи мавзуъ бештар аз ҳама муҳаққиқони самтҳои илмҳои таърихшиносӣ ва иқтисодшиносӣ таваҷҷуҳ намудаанд.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола ***«Мақоми созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва инъикоси он дар асарҳои илмӣ»*** таҳлили асарҳое, ки дар онҳо ҳамкориҳои Тоҷикистон бо давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ инъикос ёфтааст, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертант менависад, ки ҷанбаи таърихии масъалаи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои хориҷӣ, маблағгузории хориҷӣ ва ташкили корхонаҳои муштарак дар таълифоти профессор Н.Б. Ҳотамов мақоми калидиро соҳиб гардидааст. Дар ин зербоб масъалаҳои ҳамкории иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Россия, ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Хитой, Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон, бо Созмони Милали Муттаҳид низ таҳқиқ шудааст. Дар ин самт муҳаққиқони самти

таърих, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ ва таҳлилгарони муносибатҳои хориҷӣ бештар таваҷҷуҳ намудаанд.

Боби дуюми диссертатсия ***«Бозтоби ислоҳоти аграрӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар асарҳои илмии таърихӣ»*** унвон дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия ***«Ислоҳоти аграрӣ ва инъикоси он дар асарҳои муҳаққиқон»*** ном дошта, вобаста ба ин, диссертант асарҳое, ки дар онҳо масъалаҳои ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, ислоҳоти замину об, дигаргуниҳои сохторӣ, ташаккул ва рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ, самт ва роҳҳои асосии баровардани соҳа аз ҳолати буҳронӣ, рушди хоҷагии кишоварзӣ дар замони соҳибистиқлолӣ инъикос гардидааст, таҳлил кардааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **«Омӯзиши заминаҳо ва раванди муҳоҷирати аҳолӣ дар асарҳои таърихӣ»** такид мегардад, ки дар илми таърихшиносии тоҷик яке аз масъалаҳои диққатҷалбкунанда барои муҳаққиқон ин масъалаи раванди муҳоҷирати аҳолии ҷумҳурӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз ҳудуди он маҳсуб меёбад.

Зикр шудааст, ки оид ба масъалаи таърихи муҳоҷират профессор Р.А. Абулҳаев таҳқиқоти муназзам гузаронидааст. Дар адабиёти илмии таърихшиносӣ раванди муҳоҷирати дохилиро дар давраи соҳибистиқлолӣ ба ду давра ҷудо мекунанд. Давраи аввал то соли 2002 ва давраи дуюм пас аз соли 2002 то инҷониб. Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмии самти илмҳои ҷомеашиносӣ нишон медиҳад, ки масъалаи муҳоҷирати аҳолӣ яке аз масъалаҳои диққатҷалбкунандаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ буда, ҷанбаҳои гуногуни он дар таҳқиқотҳо инъикоси худро пайдо намудаанд.

Боби сеюми диссертатсия ***«Таҳқиқи дастовардҳои илму маориф ва фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории миллӣ»*** унвон дошта, аз се зербоб таркиб ёфтааст.

Зербоби якуми боби сеюми диссертатсия «***Бозтоби рушди маориф ва илми ҷумҳурии соҳибистиқлол дар асарҳои таърихӣ***» ном дошта, дар он таъкид мешавад, ки таҳлили таърихнигорӣ нишон медиҳад, ки, пеш аз ҳама муҳақиқон дар меҳвари пажуҳиши худ масъалаи сиёсати давлатӣ дар самти маориф ва раванди ислоҳоти низоми таҳсилотро гузошта, асарҳои бунёдӣ ва монографияҳои бевосита ба таҳлилу баррасии мавзуи рушди соҳаи маорифи замони соҳибистиқлолӣ бахшида шуда, дар инъикоси паҳлуҳои гуногуни он нақши аввалдараҷаро соҳиб мебошанд.

Ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҷумҳурӣ асосан муассисаҳо ва марказҳои илмии дар сохтори Академияи милли илмҳо ва дигар академияиҳои соҳавӣ ва сохторҳои макотиби олии ҷумҳурӣ машғул мешуданд.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия «***Дастовардҳои фарҳангии ҷумҳурӣ ва инъикоси онҳо дар таърихнигории миллӣ***» муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили таърихнигории масъала нишон медиҳад, ки муҳаққиқону муаллифон тавонистаанд дар таҳқиқоти худ раванди рушди ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолиро бо самтҳою паҳлуҳои гуногунаш инъикос намоянд. Ба андешаи аксариати пажуҳандагон манобеи асосии рушди фарҳанг, пеш аз ҳама дар сиёсати фарҳангпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нуҳуфта буда, маҳз дастгирии ҳамаҷонибаи моддию маънавии роҳбарияти олии кишвар боиси пешрафти босуръати ҳаёти фарҳангӣ дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Зербоби сеюми боби сеюм рисола бо номи «***Инъикоси равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар таҳқиқоти илмӣ***» таҳия гардидааст.

Диссертант зикр кардааст, ки масъалаи равобит ва ҳамкориҳои фарҳангии кишвар дар солҳои Истиқлоли давлатӣ бо кишварҳои хориҷӣ яке аз самтҳои ҷолиби таҳқиқшаванда барои муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносию гуманитарӣ, бахусус пажуҳандагони самти илмҳои

таърих маҳсуб меёбад. Муҳаққиқон ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Россия, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳоро таҳқиқ кардаанд. Ҳамин тавр, доир ба равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон таҳқиқоту таълифоти зиёде ба миён омадаанд.

***Дар хулосаи*** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, пешниҳодоти муаллиф оварда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба талаботи муқаррароти бандҳои 76 – 79 ва 81-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода ба ихтисоси илмии дархостшаванда 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. дар диссертатсия асарҳо ва сарчашмаҳои илмии марбут ба ҳаёти иҷтимоии ҷумҳурӣ дар давраи истиқлол бояд ба таври васеътар таҳлил мегардидаанд, ки ин мазмуни рисоларо боз ҳам қавитар менамуд;
2. параграфи 2-и боби аввал ба мавзуи мақоми созмонҳо ва ташкилоти байналмилалӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва инъикоси он дар асарҳои илмӣ бахшида шудааст, аммо муаллиф бештар ба таҳлили

сатҳи инъикоси равобити иқтисодии дуҷонибаи Тоҷикистон бо давлатҳои дигар таваҷҷуҳ намуда, доир ба фаъолияти созмонҳои алоҳидаи байналмилалӣ камтар маълумот овардааст;

3. зимни баррасии масъалаҳо дар параграфи 2.2., диссертантро зарур буд, ки танҳо масъалаи муҳоҷирати меҳнатиро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор медод, аммо муаллиф ба баррасии масъалаи фирориёни давраи ҷанги шаҳрвандӣ низ диққат додааст;

4. дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва хатоиҳои техникӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳшаванда мебошанд.

Автореферати кор тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи ***«Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991 – 2016)»*** дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 – 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,

номзади илмҳои таърих Ғозӣ Гадоев тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, (протоколи № 1 аз 28 августи соли 2026) муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 21 - нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 21 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

Раиси ҷаласа, мудири
кафедраи таърихи халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои таърих,
дотсент **Сайнак Парпишоевич Сайнаков**

Ташхисгар, дотсенти
кафедраи таърихи халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих **Ғозӣ Гадоев**

Котиби ҷаласа,
доктори фалсафа (PhD), доктор
аз рӯи ихтисоси таърихи ватанӣ **Фахриддин Исломзода**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj

Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ **Сайвалӣ Қодирзода**

"02" 09 2026